# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар бораи захираи моддии давлатӣ

(Қонуни ҶТ аз 19.05.2009 № 514, аз 03.07.2012 № 841)

Қонуни мазкур принципҳо, тарз ва услубҳои асосии ташаккул, идоракунӣ ва ба танзимдарории захираи моддии давлатиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд (Қонуни ҶТ аз 19.05.2009 № 514).

## Боби 1. Муқаррароти умумӣ

### Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода бурда мешаванд (Қонуни ҶТ аз 19.05.2009 № 514):

- захираи моддии давлатӣ (минбаъд - захираи давлатӣ) -захираи эҳтиётии махсуси стратегии масолеҳ ва молҳо, захираи сарватҳои моддӣ, ки барои эҳтиёҷоти сафарбарӣ ва таъмини корҳои таъхирнопазир ҳангоми бартарафкунии оқибатхои ҳолатҳои фавқулодда, расонидани ёрии башардӯстона, дастгирии соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти давлат ва ташкшготҳо, расонидани таъсири танзимкунанда ба бозор пешбинӣ шудааст;

- захираи сафарбарӣ - захираи эҳтиётии сарватҳои моддӣ ва масолеҳ барои эҳтиёҷоти сафарбарии давлат, ки барои вусъат додани истеҳсоли маҳсулоти саноатии таъиноти ҳарбӣ ва дигар намудҳои маҳсулоти саноатӣ, таъмири техника ва амволи ҳарбӣ дар давраи махсус, вусъат бахшидан ба кори барқароркунии роҳҳои автомобилгард ва роҳи оҳан, аэродромҳо, хати алоқа ва иншоотҳои он, кубурҳои нафту газ, системаи обтаъминкунӣ ва таъминоти барқ дар давраи ҷанг, бо мақсади таъмини кори мунтазами соҳаҳои саноат, нақлиёт ва алоқа, расонидани ёрии тиббӣ пешбинӣ карда мешавад;

- системаи захираи давлатӣ - мақомоти давлатӣ, корхонаю ташкилотҳо, ки дар рафти идоракунӣ, қабули қарорҳо, таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи захираи давлатӣ, инчунин қабул, нигоҳдорӣ ва интиқоли сарватҳои моддии захираи давлатӣ иштирок менамоянд (Қонуни ҶТ аз 19.05.2009 № 514);

- пур кардани захираи давлатӣ бо сарватҳои моддӣ - қабули сарватҳои моддӣ барои нигоҳдорӣ дар захираи давлатӣ;

- баровардани сарватҳои моддӣ аз захираи давлатӣ - ройгон додани сарватҳои моддии захираи давлатӣ ё фурӯхтани онҳо дар бозор (Қонуни ҶТ аз 19.05.2009 № 514);

- сарватҳои моддӣ - маҳсулоти барои таъмини вазифаҳои дар назди мақоми ваколатдори давлатӣ гузошташуда зарурие, ки номгӯи онро Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад (Қонуни ҶТ аз 19.05.2009 № 514, аз 03.07.2012 № 841).

- навкунии захираи давлатӣ - аз захираи давлатӣ баровардани сарватҳои моддӣ то ба охиррасии мӯҳлати муқарраргардидаи нигоҳдории онҳо ва дар як вақт ё дар фосилаи муайян таъмин намудани захираи давлатӣ бо миқдори баробар ва сифати мушобеҳи сарватҳои моддии дигар;

- қарзгирии сарватҳои моддӣ аз захираи давлатӣ - бо шартҳои муайян баровардани сарватҳои моддӣ аз захираи давлатӣ бо мақсади минбаъд баргардонидани онҳо ба захираи давлатӣ;

- ивазкунии сарватҳои моддии захираи давлатӣ- баровардани сарватҳои моддӣ аз захираи давлатӣ ба сабаби тағйир ёфтани стандартҳо ва технологияи тайёр кардани молҳо ва дар як вақт пур кардани захираи давлатӣ бо сарватҳои моддии стандартҳои мутаносиби амалкунанда ва технологияи ба ин стандартҳо ҷавобгӯи истеҳсоли мол;

- аз ҳолати ҳифозат баровардани сарватҳои моддии захираи давлатӣ - баровардани сарватҳои моддӣ аз захираи давлатӣ бидуни аз нав пуркунии минъбадаи онҳо дар захираи давлатӣ;

- захираи камнашаванда - ҳаҷми доимии нигоҳдошташавандаи захираи эҳтиётии сарватҳои моддии захираи давлатӣ, ки онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад;

- мақоми ваколатдори давлатӣ - мақоми иҷроияи ҳокимияти давлатие, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи захираи давлатӣ ваколатдор карда шудааст (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 841);

- хориҷ карда шуд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 841).

- нигоҳдорандаи масъули сарватҳои моддии захираи давлатӣ -(минбаъд - нигаҳдорандаи масъул) - корхонаи давлатии мақоми ваколатдори давлатӣ ва дигар корхона, ки махсус барои нигаҳдории сарватҳои моддии захираи давлатӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ муайян шудааст (Қонуни ҶТ аз 19.05.2009 № 514, аз 03.07.2012 № 841).

**Моддаи 2. Қонунгузорӣ дар бораи захираи моддии давлатӣ**

Қонунгузорӣ дар бораи захираи моддии давлатӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Таъиноти захираи давлатӣ**

Захираи давлатӣ бо мақсадҳои зерин истифода бурда мешавад:

- барои таъмини эҳтиёҷоти сафарбарӣ;

- барои таъмини корҳои таъхирнопазир ҳангоми бартарафкунии оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда;

- барои дастгирии давлатии соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, ташкилотҳо бо мақсади устуворгардонии иқтисодиет дар ҳолатҳои муваққатан вайрон гардидани низоми таъминоти захираҳои сӯзишвориву энергетикӣ, ашёи хом, хӯрокворӣ, дар мавриди пайдо гардидани номутакосибӣ байни талабот ва пешниҳод дар бозори дохилӣ;

- барои расонидани ёрии башардӯстона;

- барои таъсир расонидан ба бозор бо мақсади батанзимдарории он.

**Моддаи 4. Системаи захираи давлатӣ**

1. Пешбурди сиёсат, идоракунии системаи захираи давлатӣ, муқаррар намудани тартиб, қоида ва меъёрҳо дар соҳаи захираи давлатӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ таъмин карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 841).

2. Ташаккул, нигоҳдорӣ ва хизматрасонии сарватҳои моддии захираи давлатӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ тавассути нигоҳдорандагони масъули захираи давлатӣ таъмин карда мешавад. Ташаккул, нигоҳдорӣ ва хизматрасонии захираи сафарбарӣ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 841).

3. Иншоот, молу мулки мақоми ваколатдори давлатӣ ва сарватҳои моддии захираи давлатӣ моликияти давлатӣ буда, предмети гарав шуда наметавонанд ва хусусӣ карда намешаванд (Қонуни ҶТ аз 19.05.2009 № 514, аз 03.07.2012 № 841).

**Моддаи 5. Номгӯй ва ҳаҷми андӯхти сарватҳои моддии захираи давлатӣ**

1. Номгӯй ва ҳаҷми андӯхти сарватҳои моддии захираи давлатиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад.

2. Ҳаҷми ҳарсолаи андӯхти сарватҳои моддӣ дар захираи давлатӣ дар доираи маблағҳои ба ин мақсад пешбининамудаи буҷети давлатӣ барои соли навбатии молиявӣ, ҳамчунин бо дарназардошти ҳаҷми пасандози муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нақша гирифта мешавад.

**Моддаи 6. Захираи эҳтиётии камнашавандаи захираи давлатӣ**

1. Дар таркиби захираи давлатӣ захираи эҳтиётии камнашавандаи сарватҳои моддӣ ташкил карда мешавад.

2. Номгӯй ва ҳаҷми сарватҳои моддиро барои нигохдорӣ дар захираи эҳтиётии камнашавандаи захираи давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад.

**Моддаи 7. Маблағгузории захираи давлатӣ**

(Қонуни ҶТ аз 19.05.2009 № 514)

1. Нигоҳ доштан, инкишофи низоми захираи давлатӣ ва хароҷоти вобаста ба таъминкунӣ, пур кардан ва нигоҳдории масъулиятноки сарватҳои моддии захираи давлатӣ ӯҳдадориҳои хароҷотии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

2. Маблаҷҳои пардохтаи қабулкунандагони сарватҳои моддӣ, ки аз захираи давлатӣ бо мақсади навкунӣ, ивазкунӣ, аз ҳолати ҳифозат баровардан ё бо дигар асосҳо бароварда шудаанд, ҳамчунин ноустуворона (ҷаримаҳо ва пеня), ки мутобиқи санадҳои конунгузорӣ рӯёнида шудааст, ба қисми даромади буҷети давлатӣ дохил карда мешаванд.

**Моддаи 8. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкил ва идоракунии захираи давлатӣ**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- сиёсати ягонаи идоракунӣ ва танзими захираи давлатиро муайян ва роҳбарии умумии системаи захираи давлатиро ба амал бароварда, мақоми ваколатдори давлатиро муайян менамояд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 841);

- системаи захираи давлатиро ташкил медиҳад;

- дар бораи баровардани сарватҳои моддии захираи давлатӣ аз ҳолати ҳифозат ва тариқи қарздиҳӣ (бо мақсади минбаъд баргардонидани онҳо ба захираи давлатӣ) қарор қабул менамояд;

- номгӯй ва ҳаҷми нигоҳдории сарватҳои моддии захираи давлатӣ, аз ҷумла захираи камнашавандаро тасдиқ менамояд;

- тартиби бастани шартномаҳоро оид ба иҷрои фармоишҳои сафарбарӣ ва таъмини фармоишҳои номбурдаро бо захираҳои моддиву техникӣ муқаррар менамояд;

- оид ба ҷойгиркунӣ ва сохтмони объектҳое, ки барои нигохдории сарватҳои моддии захираи давлатӣ пешбинӣ шудаанд, қарор қабул мекунад;

- бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатӣ дар бораи навкунӣ ва ивазкунии сарватҳои моддии захираи давлатӣ қарор қабул мекунад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 841);

- тартиби ҷуброни хароҷоти нигоҳдорандагони масъули сарватҳои захираи давлатиро, ки нигоҳдории захираи моддии давлатӣ, аз ҷумла захираи сафарбариро амалӣ менамоянд, муайян мекунад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 841);

- ҳамоҳангсозӣ, назорат ва мониторинги системаи захираи давлатиро амалӣ менамояд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 841);

- салоҳиятҳои дигареро, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян мекунанд, амалӣ менамояд (Қонуни ҶТ аз 19.05.2009 № 514).

**Моддаи 9. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ**

(Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 841)

Мақоми ваколатдори давлатӣ:

- сиёсати давлатиро дар соҳаи захираи давлатӣ мутобиқи талаботи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ татбиқ менамояд;

- оид ба такмил додани сиёсати давлатӣ, тартибу меъёр ва қоидаҳои соҳаи захираи давлатӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифҳо пешниҳод менамояд;

- идоракунии сарватҳои моддии захираи давлатиро тибқи талаботи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи захираи давлатӣ таъмин менамояд;

- баровардани сарватҳои моддии захираи давлатиро бо мақсади навкунӣ ва ивазкунӣ дар асоси қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд;

- баровардани сарватҳои моддии захираи давлатиро аз ҳолати ҳифозат ва бо тартиби қарздиҳӣ (бо мақсади минбаъд баргардонидани онҳо ба захираи давлатӣ) дар асоси қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд;

- номгӯи корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳои нигоҳдорандаи масъули сарватҳои моддии захираи давлатӣ, нуқтаҳои нигоҳдории сарватҳои моддии захираи давлатиро муайян ва тасдиқ менамояд;

- дар бораи ҳаҷм ва таркиби хароҷот оид ба харид ва нигоҳдории сарватҳои моддии захираи давлатӣ бо тартиби муқарраргардида ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифҳо пешниҳод менамояд;

- тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳвилкунандагони сарватҳои моддӣ ба захираи давлатиро интихоб намуда, бо онҳо шартнома мебандад;

- ба таҳвилкунандагон маблаҷи сарватҳои моддии ба захираи давлатӣ воридшударо пардохт менамояд;

- назоратро оид ба нигоҳдории миқдор ва сифати сарватҳои моддии захираи давлатӣ амалӣ менамояд;

- оид ба гузаронидани санҷишҳои ҳолати нигоҳдории сарватҳои моддӣ дар корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳои нигоҳдорандаи масъули сарватҳои моддии захираи давлатӣ ва нуқтаҳои нигоҳдории сарватҳои моддии захираи давлатӣ қарор қабул карда, барои гузаронидани онҳо метавонад мутахассисон ва коршиносони дахлдорро ҷалб намояд;

- ваколатҳои дигареро, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи захираи давлатӣ муайян мекунанд, амалӣ менамояд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 841).

**Моддаи 9(1). Хориҷ карда шуд**

(Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 841)

## Боби 2. Ташкили таҳвили сарватҳои моддӣ ба захираи давлатӣ ва ҷойгиркунонии онҳо

### Моддаи 10. Ташаккул ва ҷойгиркунии фармоишҳо оид ба таҳвили сарватҳои моддӣ ба захираи давлатӣ

(Қонуни ҶТ аз 19.05.2009 № 514)

1. Фармоишҳо оид ба таҳвили сарватҳои моддӣ ба захираи давлатӣ дар ташкилотҳои шаклҳои гуногуни ташкилӣ ва ҳуқуқӣ ҷойгир карда мешаванд (Қонуни ҶТ аз 19.05.2009 № 514).

2. Фармоишдиҳандаи давлатӣ оид ба таҳвили сарватҳои моддӣ ба захираи давлатӣ мақоми ваколатдори давлатӣ мебошад (Қонуни ҶТ аз 19.05.2009 № 514, аз 03.07.2012 № 841).

### Моддаи 11. Ҷойгиркунонии захираи давлатӣ

1. Захираи эҳтиётии сарватҳои моддии захираи давлатӣ дар ташкилотҳои низоми захираи давлатӣ ва ташкилотҳои соҳаҳои дигари иқтисодиёт, ки нигоҳдории масъулиятноки захираҳои номбурдаро дар асоси шартнома ба амал мебароранд, ҷойгир карда мешаванд.

Ҷойгиркунонии ва сохтмони объектҳои низоми захираи давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

2. Ташкилотҳое, ки нигоҳдории масъулиятноки сарватҳои моддии захираи давлатиро ба ҷо меоранд, дар асоси тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалиётҳоро доир ба нигоҳдорӣ, навкунӣ, ивазкунӣ ва баровардани сарватҳои моддии захираи давлатӣ анҷом медиҳанд (Қонуни ҶТ аз 19.05.2009 № 514).

3. Хароҷоти ташкилотҳое, ки нигоҳдории масъулиятноки сарватҳои моддии захираи давлатиро ба амал мебароранд, аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ аз ҳисоби маблаҷҳои буҷети давлатӣ, мутобиқи шартҳои шартнома пардохт мегардад (Қонуни ҶТ аз 19.05.2009 № 514, аз 03.07.2012 № 841).

4. Маълумот дар бораи ҳаҷми захира оид ба ҷойгиркунонӣ, таҳвили мол, пур кардани захира, навкунӣ ва ҳаҷми воқеии захираи давлатӣ сирри давлатӣ ҳисобида шуда, ошкор намудани он мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ҷавобгарӣ мегардад (Қонуни ҶТ аз 19.05.2009 № 514).

## Боби 3. Тартиби таъмин кардан ва баровардани сарватҳои моддии захираи давлатӣ

### Моддаи 12. Хусусиятҳои таъмин кардан, ҷойгиркунонӣ ва нигохдории сарватҳои моддии захираи давлатӣ

1. Бо сарватҳои моддӣ таъмин намудани захираи давлатӣ ин бо маҳсулот таъмин намудани эҳтиёҷоти давлат мутобики қонунгузории Ҷумхурии Тоҷикистон мебошад.

2. Сарватҳои моддие, ки ба захираи давлатӣ гузошта мешаванд ва нисбати онҳо талаботи таъмини бехатарии ҳаёт, саломатии истеъмолкунандагон, ҳифзи муҳити зист мукаррар карда шудааст, бояд сертификати мутобиқат оид ба талаботи зикршуда барои ҳамаи давраи нигоҳдорӣ дошта бошанд.

3. Мӯҳлат ва шартҳои нигоҳдории сарватҳои моддии захираи давлатиро мақоми ваколатдори давлатӣ бо назардошти талаботи дастури техникӣ, стандартҳо ва ҳуҷҷатгузории илмию техникӣ муқаррар мекунад (Қонуни ҶТ аз 19.05.2009 № 514, аз 03.07.2012 № 841).

4. Мӯҳлат ва шартҳои нигоҳдории сарватҳои моддии захираи сафарбариро мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ки супориши сафарбарӣ додааст, бо мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ муқаррар менамояд (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 841).

5. Сарватҳои моддии захираи давлатӣ, ки дар ташкилотҳои таъминкунандаи нигоҳдории масъулиятнок ҷойгир карда шудаанд, аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ суҷурта карда мешаванд (Қонуни ҶТ аз 19.05.2009 № 514, аз 03.07.2012 № 841).

**Моддаи 13. Асосҳо ва тартиби баровардани сарватҳои моддии захираи давлатӣ**

1. Баровардани сарватҳои моддии захираи давлатӣ ба ҷо оварда мешавад:

- бо мақсади навкунии онҳо ва ивазкунӣ;

- бо тартиби қарздиҳӣ (Қонуни ҶТ аз 19.05.2009 № 514);

- бо тартиби аз ҳолати ҳифозат баровардан;

- барои таъмини корҳои таъҷилӣ ҳангоми бартарафкунии ҳолатҳои фавқулодда;

- барои дастгирии соҳаҳои иқтисодиёт (Қонуни ҶТ аз 19.05.2009 № 514);

- барои расонидани ёрии башардӯстона;

- барои таъсир расонидан ба бозор бо мақсади батанзимдарории он;

- барои таъмини эҳтиёҷоти сафарбарӣ.

2. Аз захираи давлатӣ бо мақсади навкунӣ ва ивазкунӣ баровардани сарватҳои моддӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар асоси қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 19.05.2009 № 514, аз 03.07.2012 № 841).

Навкунии сарватҳои моддии захираи давлатӣ, ки дар ташкилотҳои баҷооварандаи нигоҳдории масъулиятнок нигоҳ дошта мешаванд, ҳамчунин ивазкунии онҳо дар асоси шартнома ба маҳсулоти навъ ва сифати мушобеҳ аз ҷониби ташкилотҳои номбурда мустақилона гузаронида мешавад. Барои навъҳои алоҳидаи сарватҳои моддии захираи давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигари навкунӣ ва ивазкунии онҳоро муқаррар карда метавонад.

3. Баровардани сарватҳои моддӣ аз захираи давлатӣ бо тартиби қарздиҳӣ дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад (Қонуни ҶТ аз 19.05.2009 № 514).

Қоидаҳои баровардан бо тартиби қарздиҳӣ ва баргардонидани сарватҳои моддии захираҳои давлатиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд (Қонуни ҶТ аз 19.05.2009 № 514).

4. Ҳангоми баровардани сарватҳои моддӣ аз захираи давлатӣ бо тартиби қарздиҳӣ ташкилоти гирандаи сарватҳои моддӣ (қарзгиранда) ӯҳдадории кафолатнок оид ба баргардонидани сарватҳои моддии захираи давлатӣ пешниҳод менамояд (Қонуни ҶТ аз 19.05.2009 № 514).

5. Баровардани сарватҳои моддӣ аз захираи давлатӣ ба ҷайр аз захираи эҳтиётии камнашаванда бо тартиби қарздиҳӣ дар мӯҳлати на зиёда аз шаш моҳ ва то 20 фоизи ҳаҷми сарватҳои моддии дар захираи давлатӣ дар ибтидои соли ҷорӣ мавҷудбуда дар асоси қарори роҳбари мақоми ваколатдори давлатӣ тавассути шартнома гузаронида шуда метавонад (Қонуни ҶТ аз 19.05.2009 № 514, аз 03.07.2012 № 841).

6. Ҳангоми бақарзгирии сарватҳои моддии захираи сафарбарӣ қарзгиранда ба захираи сафарбарӣ микдори баробари сарватҳои моддии мушобеҳро бармегардонад.

7. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад дар бораи рӯёнидани қарз оид ба баргардонидани сарватҳои моддӣ ба захираи давлатӣ дар шакли дигари сарватҳои моддӣ, ки ба номгӯи захираҳои давлатӣ дохиланд, ё дар шакли маблаҷи пулӣ қарор қабул кунад.

8. Баровардани сарватҳои моддӣ аз захираи давлатӣ бо тартиби аз ҳолати ҳифозат баровардан аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷо оварда мешавад (Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 841).

Баровардани сарватҳои моддӣ аз захираи давлатӣ барои таъмини эҳтиёҷоти таъҷилӣ ҳангоми бартарафкунии оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда бо дархости мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ки иҷрои вазифаи танзими кор оид ба бартараф намудани оқибатҳои вазъияти фавқулодда ба зиммаи ӯ гузошта шудааст, дар асоси супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад. Барқароркунии сарватҳои моддии номбурда ба захираи давлатӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар мӯҳлати на дертар аз шаш моҳ таъмин карда мешавад.

9. Баровардани сарватхри моддӣ аз захираи давлатӣ барои расонидани ёрии башардӯстона дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

10. Баровардани сарватҳои моддии заҳираи давлатӣ бо мақсади навкунӣ ва ивазкунӣ дар шакли тендер ва тартиби муайяннамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 14. Истифодаи захираҳои эҳтиётии захираи давлатӣ барои таъсир расонидан ба бозор бо мақсади батанзимдарории он**

1. Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сарватҳои модии захираи давлатӣ метавонанд барои таъсир расонидан ба бозор бо мақсади батанзимдарории он истифода бурда шаванд, ки он бо роҳи мудохилаи молӣ ва хариди он мутобиқи номгӯй ва ҳаҷми захираи эҳтиётии захираи давлатӣ,

аммо бе истифодаи ҳаҷми захираи эҳтиётии камнашавандаи захираи давлатӣ ба амал бароварда мешавад.

2. Дар мавридҳои зарурӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба захираи давлатӣ аз ҳисоби маблаҷҳои буҷети давлатӣ зиёда аз ҳаҷми муқарраршуда харидан ва пасандоз намудани сарватҳои моддӣ қарор қабул мекунад.

**Моддаи 15. Таъмини таҳвили сарватҳои моддии захираи давлатӣ**

1. Дар мавриди рӯй додани ҳолатҳои фавқулодда ё ҷорӣ намудани вазъияти фавқулодда таҳвили сарватҳои моддии захираи давлатӣ, аз ҷониби ташкилотҳои нақлиётӣ дар навбати аввал ба ҷо оварда мешавад.

2. Сарватҳои моддии дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз захираи давлатӣ баровардашаванда, аз ҷумла барои бартарафкунии оқибатҳои офати табиӣ, садамаҳо, фалокатҳо ва дигар ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ва техногенӣ аз тарафи ташкилотҳои нақлиётӣ, новобаста аз шакли моликияташон бо пешниҳоди бор бе пардохти пешакӣ барои таҳвил қабул карда мешаванд.

**Боби 4. Масъулияти молумулкӣ**

**Моддаи 16. Масъулияти молумулкӣ оид ба амалиётҳои вобаста ба сарватҳои моддии захираи давлатӣ**

1. Барои гузаронидани мӯҳлати таъмини (пур кардани), нокифоя таъмин кардани (нокифоя пур кардани) сарватҳои моддӣ ба захираи давлатӣ таъминкунанда (ташкилоте, ки нигоҳдории масъулиятноки сарватҳои моддии захираи давлатиро ба ӯҳда дорад) ба андозаи 50 фоизи арзиши сарватҳои моддии таъминкарданашуда (пурнакарда) ноустуворона месупорад.

Ноустуворона то иҷрои воқеии ӯхдадориҳо оид ба таъмини сарватҳои моддӣ мутобиқи шартномаи басташуда рӯёнида мешавад.

2. Барои сари вақт ба - захираи давлатӣ барнагардонидани сарватҳои моддии қарз гирифташуда аз қарздор ба андозаи 0,3 фоизи арзиши сарватҳои моддии баргардониданашуда барои ҳар як рӯзи гузаронидани мӯҳлат то иҷрои пурраи ӯҳдадорӣ оид ба баргардонидани сарватҳои моддӣ ба захираи давлатӣ пушаймона (пеня) рӯёнида мешавад.

3. Барои сари вақт иҷро накардани супориши мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳамлу нақли сарватҳои моддии захираи давлатӣ, ташкилоте, ки нигоҳдории масъулиятноки сарватҳои моддии захираи давлатиро ба ӯхда дорад, ба андозаи 0,5 фоизи арзиши моли ҳамлу нақлшаванда барои ҳар рӯзи

гузаронидани мӯҳлат то иҷрои пурраи ӯҳдадорӣ пушаймона (пеня) месупорад (Қонуни ҶТ аз 19.05.2009 № 514, аз 03.07.2012 № 841).

4. Барои ба захираи давлатӣ гузоштани сарватҳои моддии ба мӯҳлати дарози нигоҳдорӣ ношоям, маводи нопурра ё аз рӯи сифат ва навъҳои худ ба шартҳои шартномаи давлатӣ мувофиқ набуда, таъминкунанда (ташкилоте, ки нигоҳдории масъулиятноки сарватҳои моддии захираи давлатиро ба ҷо меорад) ба андозаи 20 фоизи арзиши молҳои нуқсондор донисташуда, ба шартҳои шартномаи давлатӣ мувофиқ набуда ҷарима месупорад.

5. Барои ба захираи давлатӣ гузоштани сарватҳои модии бетамға ё тамғаи мувофиқи талаб надошта, гузоштани сарватҳои моддии дар зарфи (борҷомаи) мувофиқи талаб набуда, барои истифодаи коғазхалтаҳои ба талаботи стандарт ва шартҳои шартнома мувофиқ набуда истеҳсолкунанда (таъминкунаыда) ба андозаи 5 фоизи арзиши сарватҳои моддии номбурда ҷарима месупорад.

Таъминкунанда вазифадор аст дар муддати як моҳ сарватҳои моддии нуқсондор донисташуда, зарфҳоро (борҷомаҳоро) барқарор кунад ё тамғаи молҳоро ислоҳ намояд.

6. Ҳангоми ошкор гардидани нуқсонҳои ноаёни истеҳсолӣ дар сарватҳои моддии ба захираи давлатӣ гузошташуда масъулияти молумулки новобаста аз мӯҳлати гузошта шудани сарватҳои моддӣ ба захираи давлатӣ ва вақти ошкор гардидани ин нуқсонҳо, ба шарти риоя гардидани низоми нигоҳдории сарватҳои моддии номбурда, ба дӯши таъминкунанда (молрасон) гузошта мешавад.

7. Барои таъмин накардани нигоҳдории беосеби миқдории сарватҳои моддии захираи давлатӣ аз ташкилотҳое, ки нигоҳдории масъулиятноки сарватҳои моддии захираи давлатиро ба ӯҳда доранд, ба андозаи 0,3 фоизи арзиши сарватҳои моддии камомад барои ҳар рӯз то барқароркунии пурраи захираи эҳтиётӣ ба захираи давлатӣ пушаймона (пеня) рӯёнида мешавад.

8. Ҳангоми муқаррар гардидани ҳодисаҳои барасмиятдарории амалиётҳо бе таъмини мол оид ба гузоштани сарватҳои моддӣ ба захираи давлатӣ, ташкилотҳое, ки нигоҳдории масъулиятноки сарватҳои моддии захираи давлатиро ба ҷо меоранд, ба андозаи 0,5 фоизи арзиши онҳо барои ҳар рӯз аз лаҳзаи барасмиятдарории амалиёти номбурда то лаҳзаи воқеан гузоштани сарватҳои моддӣ ба захираи давлатӣ пушаймона (пеня) пардохт менамоянд.

9. Ҳангоми аз захираи давлатӣ пурра нагирифтани сарватҳои моддие, ки дар шартнома барои баровардан пешбинӣ шудаанд, қабулкунандагон хароҷоти вобаста ба нигоҳдории сарватҳои моддии зиёда аз мӯҳлат нигохдошташавандаро, ҳамчунин зарари вобаста ба паст шудани сифати

сарватҳои моддии гирифтанашуда ва хароҷоти пардохти ҷarимаро барои истифода набурдан, бекор мондани воситаҳои нақлиётӣ барои ҳамлу накли сарватҳои моддии номбурда пешбинишударо пардохт менамоянд.

10. Дар мавриди риоя нашудани қоида ва шартҳои нигоҳдорӣ, сари вақт нагузаронидани навкунӣ ва ивазкунии сарватҳои моддии захираи давлатӣ, инчунин нигоҳдории сарватҳои моддии ба номгӯи тасдиқгардида, стандартҳои амалкунанда ва шартҳои техникӣ мувофиқ набуда, сари вақт пешниҳод накардани ҳисобот ташкилоте, ки нигоҳдории масъулиятноки сарватҳои моддии захираи давлатиро ба ҷо меорад, ба андозаи 20 фоизи арзиши сарватҳои моддии амалиётҳое, ки дар натиҷаи онҳо ба ин камбудиҳо роҳ дода шудааст, бе озод кардани он аз иҷрои ӯҳдадориҳо оид ба амалиётҳои номбурда ҷарима месупорад.

11. Барои қабул накардани сарватхои моддӣ ба захираи давлатӣ ва саркашӣ кардан аз баровардани сарватҳои моддӣ аз захираи давлатӣ ташкилотҳои низоми захираи давлатӣ ва ташкилоте, ки нигоҳдории масъулиятоки сарватҳои моддии захираи давлатӣ ба зиммаи онҳо гузошта шудааст, ба таъминкунанда (қабулкунанда, харидор) ба андозаи 50 фоизи арзиши сарватҳои моддие, ки барои қабул ё бароварданашон раддияи беасос изҳор карда шудааст, ноустуворона месупоранд.

12. Ноустуворона (ҷарима, пеня), ки дар қисмҳои 1, 5, 7, 8, 10, 11 моддаи мазкур пешбинӣ шудааст, аз рӯи нархи сарватҳои моддӣ дар рӯзи пардохт рӯёнида шуда, дар ҳаҷми пурра ба қисми даромади буҷети давлатӣ гузаронида мешавад.

13. Руёнидани ҷаримаҳои дар моддаи мазкур пешбинишуда мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

## Боби 5. Баҳисобгирӣ ва ҳисобукитоб

### Моддаи 17. Баҳисобгирӣ ва ҳисобукитоби сарватҳои моддии захираи давлатии мавҷуда ва муомилоти онҳо

Баҳисобгирӣ ва ҳисобукитоби муҳосибавии сарватҳои моддии захираи давлатии мавҷуда ва муомилоти онҳо дар захираи давлатӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

## Боби 6. Муқаррароти хотимавӣ

### Моддаи 18. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 19. Ҳалли баҳсҳо**

Ҳамаи баҳсҳо, ки байни иштирокчиёни чараёни ташкилдиҳӣ ва истифодаи сарватҳои моддии захираи давлатӣ ба миён меоянд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешаванд.

**Моддаи 20. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

ш. Душанбе

22 декабри соли 2006 № 216

**ҚАРОР МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Оид ба қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи захираи моддии давлати"

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи захираи моддии давлатӣ" қабул карда шавад.

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Хайруллоев ш. Душанбе 6 декабри соли 2006 № 419

**ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи захираи моддии давлатӣ"

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро "Дар бораи захираи моддии давлатӣ" баррасӣ намуда, қарор мекунад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи захираи моддии давлатӣ" ҷонибдорӣ карда шавад.

Раиси

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии

Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Убайдуллоев

ш. Душанбе

15 декабри соли 2006 № 246